# Саразм

Саразм муасиссаи ҷаҳонии ЮНЕСКО, буда дар он боқимондаҳои таърихии қадима аз ҷумла маҷмуаи қалъаи бузург ки дар ҳудуди 250 метри квадрати вуҷуд дорад дидан мумкин аст. Ин бозёфт яке аз қадимтарин дар Осиёи Миёна мебошад. Саразм ҳамчун маркази савдо, мубодилаи тиҷоратию фарҳангии одамони зиёд ки бо ин роҳи таърихии роҳи абрешим сафар мекарданд аҳмияти калон дошт.

Номгузории Саразм аз калимаи тоҷикии «саризамин» ба вуҷуд омадааст. Саразм дар соҳили чапи яке аз дарёҳои бузурги Осиёи Миёна — Зарафшон, дар баландии 910 м аз сатҳи баҳр 15 км аз шаҳри Панҷакент ҷойгир аст. Саразми бостон ба солҳои 3400 — 2000 п.м. мансуб аст.

Барои илми бостоншиносӣ, умуман барои кулли инсоният кашфи бошишгоҳи Саразм бозёфти беназир аст.

Шаҳри Саразм дорои қаср ва маъбад, маҳаллаҳо ва кӯчаҳо буд. Саразмиҳо бо кишоварзӣ ва чорвопарварии хонагӣ машғул буданд. Истеҳсол ва коркарди фулузот низ хеле инкишоф ёфта буд, маъданро аз конҳои гирду атроф мегирифтанд. Ҳини ҳафриёт кӯраҳои фулузгудозӣ, хумдонҳои сафолпазӣ ва 150 намуд ашёҳои биринҷӣ ба монанди корд, ханҷар, табарзин, нӯги найза, муҳри сурбӣ, ашёҳои тиллоӣ ва нуқрагӣ ёфт шудаанд. Заргарӣ, чармгарӣ, ресандагӣ, бофандагӣ ва соҳаҳои дигар низ тараққӣ карда буд.

31 июли соли 2010 Саразм ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарии ЮНЕСКО дохил шудааст.